**ЗАМИМАИ №3**
**ба Стандарт оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ**

# ДАСТУРАМАЛ
## оид ба омӯзиши пешакии объекти аудит, муайян намудани мақсад ва миқёси аудит Роҳнамо-3100

1.1. Дастурамал оид ба омӯзиши пешакии объекти аудит, муайян намудани мақсад ва миқёси аудит (минбаъд Дастурамал) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, СПҲ -100 Дастурамал оид ба асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб, СПҲ 300 Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, Стратегияи рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2023, Стандартҳои байналмилалии мақоми олии аудит ISSAI-100 Принсипҳои асосии аудити бахши давлатӣ, ISSAI-300 Принсипҳои аудити самаранокӣ ISSAI-3000 Стандартҳои аудити самаранокӣ, ISSAI-3910 Консепсияҳои марказии аудити самаранокӣ, ISSAI-3920 Раванди аудити самаранокӣ, Роҳнамои ширкати байналмилалии машваратии CIPFA (Британияи Кабир) "Оид ба аудити самаранокӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**1.2.** Дастурамали мазкур марҳилаи дуюми давраи банақшагириро дар бар мегирад, ки пас аз интихоби мавзӯи аудит бо мақсади беҳтар фаҳмидани фаъолияти мавзӯи аудит, инчунин муайян намудани мушкилоти ҷойдошта гурӯҳи аудиторон марҳилаи банақшагирии гузаронидани аудитро оғоз менамоянд.

**1.3.** Омӯзиши пешакии объекти аудит бо роҳи ҷамъ овардани маълумоти барои муайянкунии мақсади аудит, миқёси аудит, таҳияи меъёрҳои дахлдори аудит, интихоби усулҳо ё муносибат нисбат ба гузаронидани аудит, инчунин омода намудани нақша ва барномаи аудит сурат гирифта, шартан ба се марҳила, марҳилаи масъалагузорӣ, марҳилаи ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот ва марҳилаи ташаккулдиҳии хулосаю тавсияҳо ҷудо карда мешавад.

1.4 Омӯзиши пешакии объекти аудит аз омӯхтани низоми

назорати дохилии муқаррарнамудаи роҳбарияти ташкилотҳои аудитшаванда оғоз карда шуда, имконият медиҳад ба як қатор масъалаҳо оид ба фаъолияти объекти аудит равшанӣ андохта шавад ва масъалаҳои мушаххаси аудит бевосита ташаккул дода шуда, то оғози он аҳамияти натиҷаҳои чашмдошт арзёбӣ карда шавад. Тибқи қоида аз натиҷаи омӯзиши пешакии объекти аудит дархости таҳлилӣ бо шарҳи ҳолати объекти аудит хулосаю пешниҳодҳо тайёр карда мешавад.

## ШАРҲИ УМУМӢ

Омӯзиши пешакии фаврӣ ва босифат анҷомдодашудаи объектҳои аудит яке аз шартҳои муҳими бомуваффақият гузарондани аудити самаранокӣ мебошад, чунки ба даст овардан ва омӯхтани маълумоти зарурӣ, ки «манзараи» ҳолати тадқиқшавандаро муайян мекунад (мавзӯъ, мушкилот, вобастагии объектҳои аудит), имкон медиҳад, ки тавсияҳо оид ба натиҷаи аудити бо маълумоти воқеӣ тақвият додашуда ташаккул ёбанд. Ғайр аз он, муайян намудани мақсад, миқёс ва меъёрҳои аудит, ташаккулёбии нақшаю барномаҳои гузарондани аудити самаранокӣ бояд ба дарки устувори фаъолияти ташкилот, хусусиятҳои амалиёти он, муҳите, ки ташкилот дар он фаъолият мекунад, низоми назорати дохилӣ ва ғайра асос ёбад. Хуб омӯхтани ташкилоте, ки дар он аудит гузаронда мешавад, на танҳо барои банақшагирии аудит, балки боз барои худи ҷараёни аудит муҳим мебошад.

Дар Дастурамали мазкур нақш ва аҳамияти омӯзиши пешакии объектҳои аудит, давраҳои асосии раванди амалисозии омӯзиши пешакӣ, муқаррароти асосии вобаста ба муайян ва таҳия намудани мақсаду миқёси аудити самаранокӣ баррасӣ карда мешаванд.

## МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

**Назорати дохилӣ -** ҷараёне, ки аз ҷониби шахсони барои идоракунии ташкилот масъул (Шӯрои директорон), мақомоти иҷроия ва кормандони ташкилот амалӣ гардида, барои пайдо намудани боварии комил дар ноил гардидан ба мақсади ташкилот дар соҳаҳои зерин равона гардидааст: самаранокии фаъолияти хоҷагӣ, риоя намудани қонунгузории татбиқшаванда.

**Омӯзиши пешакии объектҳои аудит -** ҷамъоварии маълумот бо мақсади омодсозии нақша ва барномаҳои аудит. Маълумот барои муайян намудани мақсаду вазифаҳо, доира ва миқёси анҷомдиҳии аудити самаранокӣ, инчунин таҳия намудани нишондиҳандаю меъёрҳои

дахлдори арзёбии самаранкии фаъолияти объектҳои аудит ҷамъ оварда мешавад.

**Расмиёти пешакии таҳлилӣ дар давраи омӯзиши пешакии объектҳои аудит -** таҳлили ҳисоботдиҳии объектҳои аудит, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти онҳо ва маводи дигар, ки аз ҷониби аудитор дар давраи банақшагирӣ анҷом дода мешавад. Ҳангоми таҳлил аудитор оид ба омӯзиши ҳолати иқтисодии объекти аудит дар назди худ на мақсади илмӣ ва на амалӣ намегузорад, ӯ танҳо дар вақти гузарондани аудит ба кадом масъалаҳо бештар диққат доданро муайян мекунад.

**Низоми назорати дохилӣ -** маҷмӯи расмиёти назоратӣ, чорабиниҳои ташкилӣ ва усулҳои аз ҷониби роҳбарияти ширкат (ташкилот, объекти аудит) барои ташкил намудан ва нигоҳ доштани назорати дохилии ширкат (ташкилот, объекти аудит) қабулгардида.

**Мақсади аудити истифодаи воситаҳои давлатӣ -** ба таври амиқ муайян намудани амалҳо ё вазифаҳои барои ба даст овардани натиҷаи мушаххас равонагардида, ки имконияти тартиб додани хулоса оид ба сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии истифодаи воситаҳои давлатиро фароҳам меорад.

**Миқёси аудит -** доира ё ҳудуд ва мавзӯи аудитро муайян менамояд.

**Хавф -** имконияти ба миён омадани ҳолатҳои номатлуб ва оқибати онҳо.

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### 1. Банақшагирӣ ва омӯзиши пешакии объектҳои аудит

Раванди банақшагирии аудити самаранокӣ аз муайян намудани мавзӯъ ва объекти аудит оғоз мегардад ва ба дуруст интихоб намудани онҳо пурра вобастааст, ки натиҷаи мушаххаси аудити барои муайян намудани самараи истифодаи маблағи давлатӣ имкониятдиҳанда ба даст меояд ё не.

Пас аз он ки мавзӯи аудит интихоб гардид, гурӯҳи аудиторон давраи банақшагирии гузарондани аудитро оид ба мавзӯи интихобнамуда оғоз менамоянд, то ин ки бо фаъолияте, ки мавзӯи аудит мебошад, хубтар шинос шаванд ва мушкилоти ҷойдоштаро ошкор намоянд. Мақсади марҳилаи банақшагирӣ пешниҳод намудани далелҳои кофӣ барои гузарондани аудити самаранокӣ ё қатъ намудани кори минбаъда аз рӯйи мавзӯи мазкур мебошад. Давраи банақшагирӣ одатан бояд дар муҳлати аз як то се моҳ ба охир расад.

Банақшагирии аудит марҳилаеро дар бар мегирад, ки аз тадқиқот ва таҳлили пешакӣ, инчунин омода намудани маърӯза оид ба накшаи аудит, ки ба роҳбарияти Палатаи ҳисоб пешниҳод мегардад, иборат аст.

Омӯзиши пешакии объектҳои аудит бо роҳи ҷамъ овардани маълумоте, ки барои муайян намудани мақсаду миқёси аудит аз рӯи мавзӯи интихобгардида, таҳия намудани меъёрҳои дахлдори аудит, интихоби тарзу усулҳои гузарондани аудит ва омодасозии нақшаю барномаҳои аудит кофӣ мебошад, сурат мегирад. Дар ин маврид аудити муфассали дурустии маълумоти ҷамъовардашуда гузаронда намешавад.

Азбаски аудити ҳама ҷанбаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ имконнопазир мебошад, барои аудит масъалаҳо ва самтҳои нисбатан муҳими фаъолияти онҳоро бо назардошти мавзӯъ ва объектҳои интихобгардидаи аудити самаранокӣ интихоб намудан лозим аст.

Яке аз шартҳои муҳими бомуваффақият анҷом додани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ба даст овардан ва омӯхтани маълумоте мебошад, ки «манзараи» ҳолати (мавзӯъ, мушкилот) тадқиқшавандаро муайян намуда, барои ташаккул додани тавсияҳои бо нишондиҳандаҳои воқеӣ тақвиятдодашуда имкон медиҳад.

Пуррагии муносибат ва давомот ҳангоми мушоҳидаи соҳаи дахлдори аудит муҳим мебошад. Мушоҳидаи фаъоли ба муайян намудани мушкилот равонагардида дар муқаррар намудани мушкилоти ҷойдошта ва муайян намудани доираи аудит ёрӣ мерасонад. Инчунин тағйироту тамоюлҳоро назорат намуда, онҳоро ба инобат гирифтан лозим аст. Инчунин мушкилоти самаранокӣ ва маҳсулнокӣ, фаъолияти ҷорӣ дар соҳаҳои гуногун, ки дар онҳо аудит гузарондан мумкин аст, бояд назорат шаванд. Ҳангоми муайян намудани он ки маҳз чӣ бояд мавзӯи аудит бошад, доираи аудит, аудити самаранокӣ инчунин тадқиқ мекунад, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷуда кадом намуди маълумот лозим аст. Далели он ки ҳангоми гузарондани аудити самаранокӣ аудитор бо ҳолати мураккаби гуногунпаҳлӯ дучор мегардад, маънои онро дорад, ки ӯ бояд ба омодагии пешакӣ диққати ҷиддӣ диҳад.

Дар давраи банақшагирӣ аудиторон бояд мақсад ва миқёси аудит, усулҳое, ки барои ноилшавӣ ба мақсадҳои аудит имкон медиҳанд, инчунин хулосаҳои имконпазир ва ҷузъҳои ҳисоботеро, ки пас аз ба анҷом расондани аудит таҳия мегарданд, муайян кунанд.

Мақсади аудитро ҳамчун масъалаи мансуб ба барномаи дахлдори ҳукумат баррасӣ намудан мумкин аст, ки ба он аудиторон кӯшиш мекунанд ҷавоб диҳанд. Миқёси аудит доираи гузарондани онро муайян менамояд. Усулҳои гузарондани аудит аз ҷамъ овардани маълумот, инчунин усулҳои таҳлилие, ки аудиторон барои ноил гардидан ба мақсадҳои аудит истифода мебаранд, иборат аст.

Худи раванди банақшагирии аудити самаранокиро оид ба мавзӯи интихобнамуда шартан ба панҷ давра тақсим намудан мумкин аст, аз ҷумла:

- омӯзиши пешакии объектҳои аудит
- муайян намудани мақсад ва миқёси аудит
- муайян намудани меъёрҳои аудит
- интихоби усулҳои анҷом додани аудит
- омодасозии нақша ва барномаи аудит

Дар амал ин давраҳо на ҳамеша ба таври равшан аз ҳамдигар ҷудоянд ва на ҳамеша бо тартиби зикргардида истифода мегарданд.

Чун қоида банақшагирӣ аз таҳияи стратегияи умумӣ ва муносибати муфассал, ки ба хусусияти чашмдошт, муҳлат ва фарогирии давраи банақшагирӣ вобаста аст, иборат мебошад. Банақшагирӣ инчунин ба тақсимоти мақсадноки кор дар байни аудиторони хурд ва ҳамоҳангсозии беҳтарини фаъолият, ки аз ҷониби аудиторон ва коршиносони дигар анҷом дода мешавад, мусоиат менамояд. Банақшагирӣ ва ворид намудани тағйирот фаъолияте ба ҳисоб меравад, ки дар давоми тамоми муҳлати давраи банақшагирӣ амалӣ гардида, пас аз ба итмом расидани ин давра низ давом дода мешавад.

Банақшагирии дақиқ ва пешакӣ ҳангоми гузарондани аудит ба миён омадани мушкилоти эҳтимолиро пешгирӣ менамояд. Аз тарафи дигар банақшагирии ниҳоят муфассал дар баъзе ҳолатҳо метавонад ба пешниҳодҳои навтарин ва мутобиқ ҳангоми аудит халал расонад. Дар рафти аудити самаранокӣ ҷараёнҳои мураккабу гуногунпаҳлӯ таҳлил карда мешаванд, аз ин рӯ, таҳия намудани нақшаи аудити фарогир, ки рафти аудити самаранокиро бо ҷузъиёти хурдтарин тасвир карда метавонад, мутлақо ғайриимкон аст.

**Омӯзиши пешакии объектҳои аудит**

Барои фаҳмидани он ки давраи омӯзиши пешакии объектҳои аудит то кадом андоза муҳим аст, пеш аз ҳама бояд ба таври дақиқ моҳият ва пайдарҳамии иҷрои амалиёт дар ин давраи банақшагирӣ ифода карда шавад.

I. **Давраи масъалагузории мушкилот (проблемаҳо)** дар давоми он шиносоӣ бо маводе, ки дар асоси он мавзӯъ ва объектҳои (самтҳои) аудит интихоб карда шудаанд ва арзёбии он аз ҷониби гурӯҳи аудиторон анҷом меёбад, самтҳои тадқиқот, нуктаҳои муҳими омӯзиш, сарчашмаҳои маълумот муайян карда мешаванд, барномаи умумии расмиёти омӯзиши пешакӣ, ки дар рафти иҷрои давраҳои минбаъда мушаххас гардонда ва аниқ карда мешаванд, омода мегардад.

II. **Давраи ҷамъ овардан ва таҳлил намудани маълумот** аз амалисозии расмиёти ҷамъоварии маълумот ва таҳлили он, ба расмият даровардани натиҷаи омӯзиш, инчунин муайян намудани кифоягии иттилоот барои қабул намудани қарори асосноки ба объектҳои баррасишавандаи аудит вобаста иборат мебошад. Ҳангоми ҷамъ овардани маълумот аудиторон асоси қабул намудани қарор (арзёбӣ)-ро оид ба мақсаднок будани анҷомдиҳии аудити смаранокӣ аз рӯи мавзӯи интихобгардида ташаккул медиҳанд.

III. **Марҳилаи ташаккулдиҳии хулосаю тавсияҳо аз рӯи натиҷаи омӯзиши объектҳои аудит.** Дар давраи мазкур шарҳи (тавсифи) вазъи объектҳои (самтҳои) омӯзиши пешакӣ вобаста ба самтҳои фаъолият, маърӯзаи мухтасар оид ба натиҷаи омӯзиши пешакии объектҳои (самтҳои) аудит, ки ба дарки умумии соҳа ва мавзӯи гузарондани аудити самаранокӣ равона гардидааст, омода мегардад.

Маълумоти дар рафти омӯзиши пешакии объектҳои аудит бадастомада бояд имкон диҳад, ки равандҳо, муносибатҳо, сабабҳо ва вобастагиҳо омӯхта шаванд, ба имкониятҳои эҳтимолии ҳалли мушкилот ва роҳҳои амалисозии онҳо диққати махсус дода шавад.

Танҳо дар сурати доштани маълумоти кофӣ оид ба объектҳои (самтҳои) аудит, соҳаҳо дар маҷмӯъ ва муқаррароти онҳо дар соҳа аудитро босамар ба нақша гирифтан ва гузарондан мумкин аст. Хеле муҳим аст, ки аудиторон дар бораи шартҳои иқтисодии фаъолияти объектҳои аудит тасаввурот дошта бошанд. Таҳлил намудани таъсири тағйироти қонунгузорӣ ба фаъолияти объекти аудит мувофиқи мақсад мебошад. Донистани омилҳои асосии иқтисодӣ, ки таҳти таъсири онҳо соҳаи фаъолияти объектҳои аудит қарор доранд, имконият медиҳад, ки пешгӯиҳои гуногун пайдо шаванд ва ин ё он таъсири объекти аудитшаванда шарҳ дода шавад.

Ҳангоми омӯзиши пешакии объектҳои аудит маълумоти соҳавӣ фоиданок буда метавонад. Хусусан ба инобат гирифтани тағйироти назаррас оид ба соҳа, таносуби тавсеаёбӣ ё маҳдудшавии фаъолияти кории объектҳои аудит мутобиқи динамикаи соҳа, вобаста будани соҳа ба тағйирёбиҳои даврӣ ва ғайра муҳим мебошад. Барои сари вақт ошкор намудани мушкилоти имконпазири вобаста ба аудит маълумот оид ба муҳите, ки дар он объектҳои аудит фаъолият менамоянд, мусоидат мекунад. Инчунин омӯзиши ҷиддии таҷрибаи баҳисобгирии дар соҳаи мазкур қабулгардида ва баррасӣ намудани масъалаи истифодаи низоми баҳисобгирии барои соҳа хоснабуда аз ҷониби объектҳои аудитшаванда муҳим мебошад.

Шиносоӣ бо фаъолияти объектҳои аудит ва муқаррароти соҳа барои ҷудо намудани соҳаҳои нисбатан муҳими аудит - арзёбии дараҷаи хавф ва ошкор намудани хосияти хатоҳо, муайян намудани мушкилоти имконпазир амалиёти ғайримаъмул ва ғайра кумак мерасонанд. Барои ин ҳам маълумот дар бораи омилҳои беруна, ки берун аз назорати роҳбарияти объектҳои аудит қарор доранд ва ҳам омилҳои дохилӣ лозиманд.

Воситаи муҳими дар ҳама давраҳои банақшагирӣ истифодашаванда арзёбии хавфҳое мебошад, ки ҳангоми кор ташкилоти аудитшаванда бо онҳо дучор меояд. Бинобар ин, дар давраи омӯзиши пешакӣ маълумотеро ҷамъ овардан лозим аст, ки барои муайян намудани меъёрҳои зерин кофӣ бошад:

1. саволҳое, ки ҳангоми аудит баррасӣ намудан лозим аст ва ҷавобҳои эҳтимолӣ;
2. меъёрҳое, ки барои арзёбии фаъолияти объектҳои аудит ва самараи идоракунӣ истифода мешаванд;
3. чӣ тавр далелҳои кофӣ ва комилан мувофиқ чамъ оварда мешаванд.

**Банақшагирии омӯзиши пешакӣ**

Қайд намудан лозим аст, ки банақшагирӣ давраи нисбатан муҳим ва мураккаби аудити самаранокӣ буда, ҷараёни анҷом додани як қатор амалҳои пайдарпайи бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад.

Бо мақсади ба таври равшан ташкил намудани ҷараёни омӯзиши пешакӣ роҳбари гурӯҳи аудиторон, чун қоида нақшаи омӯзиши пешакии объектҳоро барои гузарондани аудит тартиб медиҳад, ки он иборат аст аз:

-номгӯи объектҳои омӯхташаванда;

- масъалаҳои мушаххас барои омӯхтани фаъолияти ҳар як объекти аудит;

- сарчашмаҳои маълумот;

- муҳлати омӯзиш;

- ҳайати гурӯҳи аудиторone, ки дар омӯзиши пешакӣ иштирок менамоянд;

- тақсим намудани аъзои гурӯҳи аудиторон аз рӯи масъалаҳои мушаххас ва объектҳои омӯзиш;

- муҳлати омодасозии мактуби таҳлилӣ оид ба омӯзиши пешакии объектҳо.

**Муайян намудани сарчашмаҳои ҷамъоварии маълумот**

Омӯзиши пешакии объектҳои аудит тариқи ҷамъ овардани маълумоти зарурӣ сурат мегирад, ки он минбаъд барои тартиб додани нақшаю барномаи аудит истифода мегардад. Дар ин сурат боз як маротибаи дигар қайд намудан лозим аст, ки дар давраи мазкур аудити муфассали амиқии маълумоти ҷамъовардашуда гузаронда намешавад, балки дар бораи объектҳои аудит бо мақсади тартиб додани «манзарае» ҳолатҳое, ки принсипҳои асосӣ, низом, механизму хусусиятҳои фаъолияти онҳоро бо назардошти омилҳои беруна ва дохилӣ тавсиф менамояд, маълумоти умумӣ ҷамъ оварда мешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки муваффақияти банақшагирии анҷом додани аудити самаранокӣ бештар ба пурра будани маълумоти ҷамъовардашуда вобаста аст, чунки муайян намудани номгӯйи мукаммали сарчашмаҳои имконпазири ба даст овардани маълумоти ба фаъолияти объектҳои омӯхташавандаи аудит вобаста, инчунин муайян намудани он ки барои таҳия намудани нақша ва барномаи аудит аз кадом сарчашма чӣ гуна маълумотро бояд ба даст орем, хеле муҳим аст.

Сарчашмаҳои асосии ба даст овардани маълумот чунин буда метавонанд:

- санадҳои қонунгузорӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба мавзӯъ ва объектҳои анҷомдиҳии аудити самаранокӣ вобаста мебошанд;
- ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари муайянкунандаи шакли ташкилию ҳуқуқии объекти аудит, салоҳият ва сохтори он;
- шартномаҳо, қарордодҳо, созишномаҳо ва ғайра;
- ҳисобот оид ба корҳои анҷомдодашуда, нақшаи кор ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти объектҳои аудит;
- маводи аудитҳои пешина дар соҳаҳои муайян, инчунин натиҷаи аудитҳои аз ҷониби мақомоти дигари назоратӣ анҷомдодашаванда;
-маводи дорои таҳлил ва хулосаҳои аудити дохилӣ, ки аз ҷониби ташкилот омода гардидааст (маълумоти мазкур ҳамеша метавонад зери шубҳа қарор гирад ва онро танҳо дар сурати мавҷуд будани заминаи кофии исботкунанда ҳамчун асос истифода бурдан мумкин аст);
- маводи васоити ахбори омма;
- муроҷиати роҳбарони корхонаю ташкилотҳо, инчунин шаҳрвандон;
- маълумоти мутахассисон (коршиносон);
- маводи бойгонӣ.

Омӯзиши пешакии объектҳои аудитро аз омӯхтани низоми назорати дохилӣ, ки он аз ҷониби роҳбарияти ташкилотҳои аудитшаванда барои ноил гаштан ба мақсади дар назди худ гузошташуда муқаррар гадидааст ва ба мавзӯи аудит бевосита алоқаманд аст, оғоз намудан

мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин сурат аудитороне, ки омӯзиши пешакиро анҷом медиҳанд, диққати худро ба масъалаҳои зерин равона карда метавонанд:

- оё натиҷаи назорати дохилӣ бо мақсади арзёбии самаранокии он таҳлил карда шудааст ё не;

- сохтори ташкилии объекти аудит, сиёсат ва усулҳои роҳбарии аз ҷониби роҳбарияти он анҷомдодашаванда, натиҷаи корҳо оид ба ноил гардидан ба мақсади дар назди худ гузошташуда чӣ гуна мебошанд;

- оё низоми андозагирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва мониторинги фаъолияти ташкилоте, ки дар хусуси натиҷаи корҳои анҷомдодааш маълумоти боварибахш пешниҳод менамояд, вуҷуд дорад;

- оид ба таъмин намудани нигоҳдории манбаъҳои захираҳои моддии истифодашаванда ва ғайра чӣ гуна расмиёт мавҷуд аст ва чӣ гуна чораҳо андешида мешаванд;

- кадом омилҳои беруна вуҷуд доранд, ки ба амалисозии ин ё он барномаи дар назди объекти аудит гузошташуда таъсир мерасонанд;

- муносибатҳои вобаста ба ҳисоботдиҳӣ (масалан нозироти андоз ба вазорат оид ба андозҳо ва боҷҳо ҳисоботдиҳанда аст).

Мувотиқи хусусияти ҷавобҳо ба саволҳои зикргардида, ки дар асоси маълумоти дар раванди омӯзиши пешакии объектҳо ҷамъовардашуда аудиторон имконият доранд, ки нисбатан равшану возеҳ ва асоснок саволҳои мушаххаси аудитро тартиб диҳанд ва илова ба он ҳанӯз то оғоз аҳамияти натиҷаи чашмдошти аудитро арзёбӣ намоянд.

Қайд намудан лозим аст, ки дар ҳар як вазъияти мушаххас доираи саволҳо вобаста ба хусусиятҳои объекти (барномаи) тадқиқшаванда васеъ мегардад.

### 2. Муайян намудани усулҳои чамъ овардани маълумот

Яке аз давраҳои меҳнатталаб ва серхарҷи ҳама гуна омӯзиш (тадқиқот) ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии маълумот оид ба мушкилоти тадқиқшаванда мебошад. Вобаста ба манбаъҳои истифодашавандаи маълумот тадқиқотро ба навъҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

- тадқиқоти дар дафтари корӣ (утоқ) амалишаванда;

- тадқиқоти дар берун (саҳро) амалишаванда.

Лекин, дар амал тадқиқоти дар утоқ амалишаванда ва тадқиқоти дар саҳро амалишаванда доираи мушаххаси масъалаҳои худро ҳал намуда, ҳамдигарро пурра менамоянд.

**Тадқиқоти дар утоқ амалишаванда** – ҷустуҷӯ, ҷамъ овардан ва таҳлил намудани маълумоти мавҷудаи такрориро («тадқиқоти рӯйи мизи корӣ») дар бар мегирад. Маълумоти такрорӣ аз маълумоти пештар бо

мақсади ҳалли мушкилоти аз мушкилоти айни ҳол ҳалшаванда тафовутдшта ҷамъ оварда шудааст.

*Ҷиҳатҳои хуби кор* бо маълумоти такрорӣ чунин мебошанд: арзиши кам доштани корҳо, чунки маълумоти нав ҷамъ овардан лозим нест; фаврияти ҷамъ овардани маълумот; мавҷуд будани якчанд манбаи маълумот; амиқии нисбии маълумоти пешнҳоднамудаи сарашмаҳои мустақил; имконияти таҳлили пешакии мушкилот.

*Норасоиҳои аёни кор* бо маълумоти такрорӣ чунин мебошанд: аксар вақт мутобиқат накардани маълумоти такрорӣ ба мақсади омӯзиши анҷомдодашаванда бо сабаби хусусияти умумӣ доштан бо он; маълумот аксар маврид кӯҳнашуда аст; усулу воситаҳое, ки бо ёрии онҳо маълумот ба даст оварда шудааст, ба мақсади тадқиқоти мазкур метавонанд мутобиқ набошанд. Аз ин рӯ, бештар тадқиқоти дар утоқ анҷомдодашаванда боз бо якчанд мусоҳибаи озмоишӣ барои афзун намудани амиқии маълумот пурра карда мешаванд.

**Тадқиқоти дар саҳро амалишаванда -** ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти махсус барои омӯзиши пешакии объектҳои аудит интихобгардида. Ҳама гуна тадқиқоти саҳроӣ ба маълумоти аввалия ё агар ба таври дигар гӯем, ба маълумоти айни ҳол барои ҳалли мушкилоти мушаххаси тадқиқшаванда ба дастомада асос меёбад.

*Ҷиҳатҳои хуби* маълумоти аввалия дар он аст, ки он дар мутобиқати қатъӣ бо мақсади аниқи вазифаи тадқиқшаванда ҷамъ оварда мешавад.

*Норасоии асосии* ҷамъ овардани маълумоти саҳроӣ серхарҷ будани захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ мебошанд.

Вобаста ба воситаҳои (усулҳои) истифодашавандаи ҷамъоварии маълумоти аввалия (саҳроӣ) тадқиқотро ба навъҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

- миқдорӣ;
- сифатӣ.

Дар аксар мавридҳо амлисозии омӯзиши пешакии объектҳои аудит муносибати маҷмӯӣ, яъне истифодаи якҷояи усулҳои миқдорӣ ва сифатиро талаб менамояд.

**Тадқиқоти миқдорӣ -** воситаи асосии ба даст овардани маълумот барои банақшагирӣ ва қабул намудани қарор ба ҳисоб меравад, дар сурате, агар фарзияҳои зарурӣ нисбат ба объектҳои аудит аллакай ташаккул ёфта бошанд. Асоси усули тадқиқоти миқдориро ҳамеша намунаҳои возеҳи математикию оморӣ ташкил мекунанд, ки дар натиҷа имконияти ба даст овардани на ақидаю тахминҳо, балки нишондодҳои амиқи миқдории (рақамӣ)-и нишондиҳандаҳои омӯхташавандаро фароҳам меоранд. Дар асоси натиҷаи тадқиқоти миқдорӣ ҳаҷми

истеҳсолот, фоиданокӣ, ҳаҷми маблағгузорӣ ва ғайраро ҳисоб кардан мумкин аст. Хизмати асосии тадқиқоти миқдорӣ дар он аст, ки хавфи қабул намудани қарори нодуруст ва интихоби бузургиҳои норавшани банақшагириро коҳиш медиҳанд.

**Тадқиқоти сифатӣ -** дар муқоиса бо тадқиқоти миқдорӣ на ба андозаҳои оморӣ, балки ба дарк, шарҳ ва тафсири нишондиҳандаҳои таҷрибавӣ такя намуда, сарчашмаи ташаккулёбии фарзияҳо ва ақидаҳои босамар мегарданд. Ба таври дигар, онҳо на ба саволи «чӣ қадар», балки ба саволҳои «чӣ», «чӣ тавр» ва «барои чӣ» ҷавоб мегардонанд. Ҳангоми тадқиқоти сифатӣ техникаи лоиҳавӣ ва ҳавасмандкунӣ, яъне усулҳои ғайритаркибӣ ва ғайрироҳбарии додани савол ба таври васеъ истифода бурда мешаванд, ки ба шахси анҷомдиҳандаи тадқиқот барои аён намудани сабабҳо, мақсаду муносибатҳо, афзалияту арзишҳо ва мушкилоти ҷойдошта кумак мерасонанд.

Қайд кардан лозим аст, ки натиҷаи усулҳои сифатии ҷамъоварии маълумот оид ба объектҳои аудит бо рақамҳо ифода намеёбанд (яъне танҳо дар шакли ақида, мулоҳиза, арзёбӣ, гуфтаҳо пешниҳод гардидаанд) ва чун қоида тариқи чунин усулҳо, ба монанди *фокус-гурӯҳ ва мусоҳиба* пешкаш мешаванд.

Истифодаи усулҳои нисбатан муносиби ҷамъоварии маълумот дар давраи банақшагирӣ хеле муҳим мебошад. Ба усулҳои интихобгардида, аз ҷумла аз ҷиҳати самараи иқтисодии чунин усулҳо диққат додан лозим аст. Мо бояд усулеро интихоб намоем, ки барои ноил шудан ба мақсадамон нисбатан муносиб аст. Усулҳои интихобнамудаамон набояд ниҳоят мураккаб бошанд ё истифода бурдани технологияи навтаринро талаб кунанд, баъзан вақт усули аз ҳама оддӣ ниҳоят пурасамар буда метавонад. Шарҳи мухтасари чунин усулҳо, ба монанди аудити ҳуҷҷатҳо, мусоҳиба, гурӯҳ ва муайян намудани меъёрҳо дар асоси муқоиса бо нишондиҳандаҳои беҳтарини дар соҳаи мазкур ба дастомада пешниҳод карда мешавад. Ҳама чунин усулҳо аксар вақт барои ҷамъ овардан ва таҳлили маълумот ҳангоми аудити самаранокӣ истифода мешаванд.

### *Аудити ҳуҷҷатҳо*

Аудити ҳуҷҷатҳо аз усули пурсамари ҷамъоварии маълумот иборат буда, аксар вақт барои гузарондани аудити самаранокӣ ҳамчун асос хизмат мекунад. Дар ҳуҷҷатҳо доираи васеи намудҳои гуногуни далелҳо мавҷуданд. Масалан, қарорҳои роҳбарият, бақайдгирии истифодабарандагони хизматрасонии барномаи мазкур, инчунин ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи фаъолияти барномаи мазкури ҳукумат

барои мо муҳим буда метавонанд. Барои ноил гардидан ба самараи иқтисодӣ ҳангоми санҷидани ҳуҷҷатҳо муҳим аст, ки аз оғози аудити самаранокӣ хусусият ва макони ҷойгиршавии ҳуҷҷатҳо ва имкониятҳои ба даст овардани онҳо муайян карда шаванд.

***Таҳлили такрорӣ /Ҷустуҷӯи адабиёт***

Таҳлили такрориро ба шиносшавӣ бо ҳисоботи тадқиқоти гузарондашуда, китобу мақолаҳои ба соҳаи муаяйни фаъолият бахшидашуда ё тадқиқоту аудитҳои нисбатан мушаххас дар ин самт, аз ҷумла аудит ва арзёбии ба наздикӣ гузарондашуда нисбат додан мумкин аст. Ҳамин тариқ, аудитор дониши худро оид ба мавзӯи мушаххас афзун гардонда метавонад.

***Мусоҳиба***

Мусоҳиба «суҳбати» хосест, ки ҳангоми он бо мақсади ба даст овардани маълумоти мушаххас саволҳо дода шуда, ҷавобҳо гирифта мешаванд. Мусоҳибаҳо ғайритаркибӣ (яъне бо саволҳои навъи кушод) ё сохторӣ (бо саволҳои навъи пӯшида) шуда метавонанд. Мусоҳиба ҳам дар давраи банақшагирӣ ва ҳам дар рафти аудит истифода бурда мешавад, то ин ки ҳуҷҷатҳо ақидаю фикрҳои тасдиқкунандаи далелҳо ва тақвиятбахшандаи маълумот аз манбаъҳои дигари маълумоти иловагӣ ё барои ташаккул додани таклифҳои имконпазир оид ба беҳтар намудани фаъолияти ташкилот ба даст оварда шаванд.

***Фокус-гурӯҳ***

Фокус-гурӯҳ маҷмӯи одамони махсус бо ин мақсад ҷамъкардашударо дар бар мегирад, ки мавзӯъ ва масъалаҳои муайянро дар рафти баҳсҳои гурӯҳӣ муҳокима менамоянд. Фокус-гурӯҳ аксаран барои ҷамъ овардани маълумоти босифат, яъне маълумоте истифода бурда мешавад, ки барои беҳтар фаҳмидани арзишу ақидаҳои намояндагони ташкилот имкон медиҳад.

Мутахассисони соҳибихтисос (8-10 нафар), ки оид ба мавзӯъ ва объектҳои аудит таҷрибаю дониши муайян доранд, барои иштирок дар баҳсҳои гурӯҳии вазъияти соҳаи (самти) муайяни тадқиқотро талабкунанда таклиф карда мешаванд. Дар муддати якуним-ду соат барандаи омодашуда (чун қоида аудитори зинаи роҳбарикунандаи Палатаи ҳисоб) ба суҳбати комилан озод, вале бо тартиби мушаххас анҷомёбанда роҳбарӣ мекунад. Рафти суҳбатро ба таври видеоӣ ва аудиоӣ сабт намудан мумкин аст. Маълумоте, ки ҳангоми суҳбат ба даст оварда мешавад, дар сурати имконнопазир будани бадастоварии маълумоти ғайримустақим дар бораи ягон раванд ё воқеа аҳамияти махсус дорад. Маънии ин усул дар асари он аст, ки дар натиҷаи баҳси

гурӯҳӣ ба даст оварада мешавад. Гап сари он аст, ки ҳангоми гузарондани мусоҳибаи фардӣ тақсимоти возеҳи ҳамсуҳбатон ба шахси пурсанда ва посухгӯ мушоҳида мешавад ва ин ҳолат метавонад ба сифат ва амиқии маълумоти бадастовардашаванда таъсири назаррас расонад. Дар баҳси гурӯҳӣ посухгӯ дар ҳолати суҳбат бо шахси ба худаш баробар қарор дорад. Ҳамин тариқ, монеаҳои равонии ҳифозатӣ осонтар бартараф карда мешаванд ва ифода намудани таассури эҳсосӣ сабуктар мегардад.

Лекин дар хотир доштан лозим аст, ки чиҳатҳои манфии истифодаи усули фокус-гурӯҳ ба монанди нодуруст маънидод ва арзёбӣ намудани маълумот (онҳо барои тадқиқоти минбаъда замина мегузоранд ва натиҷаи ниҳоӣ нестанд), мушкил будани идоракунии гурӯҳ (сифати идоракунӣ ба баранда вобаста мебошад, мутахассисони сатҳи баланд бошанд, хеле каманд) низ вуҷуд доранд. Норасоии ҳукмфармоии (таъсири) эҳтимолии сарварони ғайрирасмӣ дар байни фокус гурӯҳ ба ақидаҳои аъзои дигари гурӯҳ хеле назаррас аст (метавонад ба дурустии қарорҳои қабулшаванда ва муайян намудани мушкилот таъсири манфӣ расонад).

***Таҳлили қиёсӣ («Муқоиса намудан бо нишондиҳандаҳои беҳтарин»)***

Ҳангоми истифодаи чунин усули муносибат муқоиса намудани усулҳо, равандҳо, расмиёт, маҳсулот ва хизматрасонии ташкилоти аудитшаванда бо усулҳо, равандҳои ташкилотҳое, ки худро дар худи ҳамон соҳаи фаъолият ҳамчун ташкилотҳои беҳтарин нишон додаанд, сурат мегирад.

«Муқоиса намудани нишондиҳандаҳои беҳтарин» дар мавридҳои зерин истифода мешавад:

- барои таъмин намудани аудити холисонаи чараёнҳо, намудҳои фаъолият ва низомҳои дорои аҳамияти ҳалкунанда;
- барои таҳия намудани меъёрҳо ва муайян намудани усулҳои таъминкунандаи фаъолияти нисбатан босамар;
- барои бештар асоснок намудани таклифҳои ба ҳисобот оид ба аудит воридкардашуда.

***Саволномаҳо***

Омода намудани саволномаҳо низ воситаи пурсамари ба даст овардани маълумот буда метавонад, хусусан дар он ҳолатҳое, ки зарурати ба даст овардани маълумоти умумии шумораи нисбатан зиёдтари чунин объектҳои аудит (субъектҳои иқтисодӣ) ба миён меояд.

Саволномаҳо метавонанд ҳамчун номгӯи саволҳои муфассал (эҳтимоли барасмиятдарории дархостҳо дар шакли ҷадвал сурат гирад),

ки одатан ба объектҳои аудит барои пур кардан ё гирифтани ҷавобҳо ба саволҳои монанд (саволҳои навъи пӯшида, кушода ё равшанкунандаро истифода бурдан мумкин аст) фиристода мешаванд, муайян карда шаванд. Ҳангоми тартиб додани саволномаҳо аудитор бояд донад, ки маълумот бо кадом мақсад ҷамъ оварда мешавад, чӣ гуна ҷавобҳоро ва дар кадом шакл гирифтан лозим аст, оё мусоҳиб дорои маълумоти чашмдошт ҳаст ё не.

Усулҳои номбаршуда аз ҳама усулҳои маъмул мебошанд, лекин онҳо ягона нестанд. Аудитор метавонад мустақилона тартиби ба даст овардани маълумоти заруриро муайян кунад.

Инчунин қайд кардан лозим аст, ки интихоби усул ба мақсаду вазифаҳои омӯзиши мушаххас вобаста аст, аз ин рӯ усулҳои «бад» вуҷуд надоранд, оқибатҳои истифодаи номатлуби ин ё он услуби ҳалли вазифаҳои муайян вуҷуд доранд.

Усулҳои зикргардидаи ҷамъ овардани маълумот дар давраи омӯзиши пешакӣ аз ҳама усулҳои маъмул ба ҳисоб меравaнд, вале онҳо усулҳои ягона нестанд. Аудитор метавонад мустақилона қоидаҳои ба даст овардани маълумоти заруриро муайян кунад.

### Таҳлили маълумоти ҷамъовардашуда

Пас аз муайян намудани манбаъҳои маълумот ва усулҳои ҷамъ овардани он ба гурӯҳи аудиторoне, ки омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объектҳои аудитро анҷом медиҳанд, лозим аст, ки муҳлати ба даст овардан ва таҳлил намудани маълумотро бо назардошти муҳлати воқеии имконпазири ҷамъ овардани он муайян намоянд.

Маълумоти ҷамъоваришаванда бояд барои доштани маълумоти пурра ва тасаввуроти хуб оид ба объектҳи аудит, фаъолияти онҳо дар соҳаҳои дахлдор кофӣ бошад ва дар ин асос мақсад, вазифаҳо, доира ва миқёси аудити мазкурро муайян кунад, инчунин нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои арзёбии самаранокии фаъолияти объектҳои аудитро таҳия намояд. Хусусан ҳангоми муайян намудани он ки оё аз хама ҷиҳатҳо маблағҳо самаранок истифода шудаанд ё не, ин амал хеле муҳим аст.

Дар баробари он, дарки фаъолияти субъекти иқтисодӣ, ки аз аудиторон талаб карда мешавад, метавонад нисбатан сатҳӣ бошад (дониши махсус) ва он барои босифат гузарондани аудит то дараҷае ба тахассусияти аудитори дар аудит иштироккунанда вобаста аст.

Аудитор бояд фаъолияти субъекти иқтисодиро ба таври кофӣ дарк кунад, то ин ки ба ӯ маслиҳати ин ё он мутахассис то кадом андоза лозим аст, барои минбаъд ҷалб намудани он ба сифати коршинос муайян кунад.

Пеш аз омода сохтан ва фиристодани дархостҳо (бо назардошти ваколатҳои мақоми олии аудит) оид ба пешниҳод намудани маълумоти зарурӣ бо коршиносону мутахассисон машваратҳо гузарондан лозим аст. Ғайр аз ин, ҳангоми пайдо шудани зарурати ба даст овардани маълумоти нисбатан муфассал бо роҳбарияти ташкилотҳои аудитшаванда оид ба масъалаҳои вобаста ба мавзӯъ ва фаъолияти объектҳои аудити самаранокӣ суҳбатҳо доир намудан зарур аст.

Таҳлили маълумоти аз сарчашмаҳои гуногун ба дастомада оид ба мавзӯъ ва объектҳои аудит бояд ба барқарор намудани робитаҳои мутақобил, таносуб ва тамоюлҳои соҳаи тадқиқшаванда барои муайян намудани масъалаҳои афзалиятноке, ки дар рафти аудити самаранокӣ омӯхтан лозим аст, равона гардад.

Гурӯҳи аудиторон мутобиқи нақшаи омӯзиши пешакӣ маълумоти заруриро ҷамъ оварда, амалҳои зеринро анҷом медиҳад:

- таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои қонунгузорӣ, ки барои мақсади аудит аҳамият доранд;

- таҳлили ҳисобот оид ба корҳои анҷомдодашуда, нақшаи кор ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти объектҳои аудит;

- омӯхтани сохтори ташкилӣ, низому механизмҳои назорати объектҳои аудит;

- таҳлили вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби объектҳои аудит ва ба даст овардани натиҷаи мушаххас аз ҷониби онҳо;

- гузарондани машваратҳо бо ташкилотҳо ва мутахассисони мустақил бо мақсади ошкор намудани дастовардҳои мавҷуда ва усулҳои пешқадами кор дар соҳаи аудитшаванда, имкониятҳои татбиқи онҳо бо мақсади мукаммалгардонии фаъолияти объектҳои аудит;

- омӯхтани маводи аудитҳои пешина дар соҳаи мазкур, инчунин натиҷаи аудитҳои анҷомдодаи ташкилотҳои дигар;

- анҷом додани суҳбатҳо бо роҳбарони объектҳои аудитшаванда;

- омӯхтани шартҳои умумии иқтисодии фаъолияти объекти аудитшаванда (масалан, сиёсати миллии иқтисодӣ, иҷозатномадиҳӣ, низоми андозбандӣ ва назорати гумрукӣ, муқаррар намудани маҳдудияту квотаҳо);

- таҳлили хусусиятҳои минтақавии ба фаъолияти субъекти иқтисодӣ вобаста (масалан, мавқеи ҷуғрофӣ, шароитҳои иқтисодӣ ва андози минтақа);

- муқоиса намудани маълумот оид ба объектҳои аудит бо маълумоти ба ин монанди соҳае, ки дар он фаъолият менамоянд;

- баҳисобгирии хусусиятҳои соҳавии фаъолияти объект;

- омӯхтани низому механизмҳои назорати дохилии объектҳои аудит.

Ба сифати воситаҳои таҳлилии коркарди иттилооти дар рафти ҷамъоварии маълумот бадастомада сохтани ҷадвалу диаграммаҳои инъикоскунандаи маълумоти микдорӣ, нақшаю расмҳо барои тасвир намудани ҷараёну расмиёт, низому ҷузъиёт истифода мегардад.

Ҳуҷҷатгузорӣ ва ба низом даровардани дониш оид ба фаъолияти объектҳои аудит дар шакли файлҳои доимӣ, аз ҷумла дар намуди автоматиконидашуда мувофиқи мақсад хоҳад буд. Ба таркиби файли доимӣ маълумоти зерин дохил шуда метавонад:

- таърихи рушди субъекти иқтисодӣ;
- номгӯи намудҳои фаъолияти амалишаванда;
- вазъи сиёсати баҳисобгирӣ ва тағйироти пай дар пайи он;
- маълумоти дигаре, ки на танҳо барои аудити минбаъдаи объекти аудити айни ҳол мавриди аудит қароргирифта, балки барои аудитҳои минбаъда низ аҳамият дорад.

Ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳдории маълумот оид ба фаъолияти субъекти иқтисодӣ бояд мутобиқи қоидаи (стандарт) фаъолияти аудиторӣ «хуҷҷатонии аудит» сурат гирад.

## Усулҳои таҳлил

Вобаста ба хусусияти мушкилоти тадқиқшаванда ва объектҳои аудит усулҳои гуногуни таҳлилро истифода бурдан мумкин аст. Усулҳои муҳимтарини онро баррасӣ менамоем.

***Усули қиёсӣ*** яке аз усулҳои маъмул ва паҳнгардидаи кори таҳлилӣ дар рафти аудит дар ҳама марҳилаҳои он мебошад. Татбиқ намудани он мавҷудияти якчанд нуқтаҳои заминавиро ҳангоми омӯхтани хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии фаъолияти объектҳои аудит дар назар дорад. Масалан, муқоиса намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ имкон медиҳад, ки вазъи қиёсии нишондиҳандаҳои алоҳидаи фаъолияти хоҷагию молиявии ташкилотҳои аудитшаванда (даромаднокӣ, ҳаҷми истеҳсолот ё гардиши мол, сатҳи захираи маҳсулоти тайёр, қарзи ҷорӣ ва мӯҳлаташ гузаштаи дебиторӣ ва кредиторӣ ва ғайра) нисбат ба сатҳи онҳо дар корхонаҳои соҳа дар маҷмуъ муайян карда шавад.

Муқоиса намудан имкон медиҳад, ки низоми мавҷудаи фаъолияти ягон система (вазоратҳои соҳавӣ, консернҳо, соҳаҳои иқтисодиёт) ва объектҳои аудит дар маҷмуъ ва ҷузъиёти онҳо бо механизмҳои пешқадами фаъолияти низомҳои ба онҳо монанд ё вазъи меъёрии он қиёс карда шаванд (масалан, ҳангоми омӯзиши пешакии самаранокии фаъолияти низоми дастгирии иҷтимоии аҳолӣ таҷриба, муносибат ва

механизми амалисозии дастгирии давлатии қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳимоянашуда дар кишварҳои дигари дорои иқтисодиёти муносиб).

***Усули тарҳсозӣ*** имкон медиҳад, ки низоми идоракунӣ ва вазъи ҷузъиёти таркиби он (мақсад, вазифаҳо, сохтори ташкилӣ, низоми идоракунӣ, қарорҳои вобаста ба идора), инчунин навъҳои гуногуни робитаи чунин ҷузъиёт дар байни ҳамдигар ва муҳити беруна омӯхта шаванд.

***Усули таҳлили динамикӣ*** имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои миқдории тавсифкунандаи низом бо ҷойгиронии онҳо дар қатори динамикии инъикоскунандаи тамоюлҳои устувор бе тағйирёбии тасодуфии онҳо омӯхта шаванд.

**Барасмиятдарории натиҷаи омӯзиши пешакии объектҳои аудит**

Ҳангоми ташаккулдиҳии хулосаю таклифҳо оид ба натиҷаи омӯзиши пешакии объектҳои аудит, чун қоида арзномаи таҳлилӣ бо шарҳи вазъи объектҳои (самтҳои) омӯзиши пешакӣ вобаста ба самтҳои фаъолият тартиб дода мешавад, ки ба дарки умумии соҳа ва мавзӯи аудити самаранокӣ равона гардидааст.

Дар арзномаи таҳлилӣ қайд намудани маълумоти ҷамъбастӣ оид ба ҳама чорабиниҳои дар раванди омӯзиши пешакии объектҳои аудит гузарондашуда, инъикос намудани натиҷаи умумии дар рафти корҳо ба дастомада ва мутобиқ будани (ё мутобиқ набудани) онҳоро ба мақсади умумии нақшаи омӯзиши пешакӣ ишора намудан муҳим мебошад.

Дар ҷараёни омӯзиши пешакии объектҳои аудит аудиторон маводи дахлдори таҳлилӣ омода менамоянд, инчунин оид ба ҳама хулоса, таклиф ва тавсияҳои худ ҳуҷҷат тартиб медиҳанд.

Натиҷаи амали мазкур дар арзномаи таҳлилӣ оид ба натиҷаи омӯзиши пешакии объектҳои аудит ҷой дода мешавад, ки дар он қайд намудани нуктаҳои асосии зерин мумкин аст:

- мақсади омӯзиши пешакӣ;
- номгӯи сарчашмаҳои иттилоот ва самтҳои омӯзиш;
- тавсифномаи мухтасари соҳаи аудитшавандаи фаъолияти объект ва вазъи таъминоти қонунгузорӣ ва меъёрии он;
-тавсифи нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии фаъолияти объектҳои аудит (аз ҷумла динамикаи он);
-шарҳи барномаҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти объектҳои аудит;
- тафсири маводи аудитҳои пешина оид ба мавзӯи интихобгардида, ки ҳам аз ҷониби мақоми олии аудит ва ҳам ташкилотҳои дигар гузаронда шудаанд;

- таҳлили фаъолияти объектҳои аудит оид ба ноил гардидан ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда (бо назардошти мавзӯи аудит);

-механизми ҷудо кардан ва истифода бурдани маблағи буҷет (тартиби ташаккулдиҳӣ ва иҷрои дархостҳои буҷет);

-шарҳи низоми ташкилӣ ва механизми идоракуни объектҳои аудит, ташкил намудани назорати дохилии истифода намудани маблағи буҷет;

- таклифҳо оид ба ҳайати гурӯҳи аудиторон, мушовирон ва коршиносони беруна, ки иштироки онҳо дар рафти аудити самаранокӣ лозим аст.

Дар ин сурат, ҳангоми омӯзиши пешакӣ шояд мушкилоте ошкор карда шаванд, ки бевосита бо мавзӯи аудит вобаста нестанд ва иҷро намудани корҳои иловагиро талаб намекунанд. Агар дар ҷараёни омӯзиш иҷро намудани чунин корҳо имконнопазир бошад, дар ин сурат дар арзномаи таҳлилӣ дарҷ намудани чунин мушкилот бо сабабҳое, ки вобаста ба онҳо омӯзиши минбаъдаро талаб менамоянд, лозим аст.

Дар баробари он, дар арзномаи таҳлилӣ бояд тафсири мухтасари корҳои иҷрогардида ва шарҳи натиҷаҳои бадастомада ҷой дода шавад, аз ҷумла қайд намудан лозим аст, ки чорабиниҳои гузарондашуда то кадом андоза бомуваффақият мебошанд, оё доир ба ҳама масъалаҳои банақшагирифташуда маълумот ба даст оварда шуд ё не.

Бар замми он, дар арзномаи таҳлилӣ диди шахсии аудитор дар хусуси он ки минбаъд кори аз ҷониби объекти аудит анҷомдодашуда ба мушкилоти дар доираи мавзӯи аудит ҳалшаванда чӣ гуна таъсир мерасонад, низ ҷой дода шуданаш мумкин аст.

Бо мақсади ба таври воқеӣ тасдиқ намудани маълумоти дар арзномаи таҳлилӣ (ҳисобот) дарҷгардида мавҷудияти ҳуҷҷатҳои зерин зарур аст:

- нусхаи интишороти васоити ахбори омма;

- ҷавоби дархостҳо (тартибдодашуда ва ба ташкилотҳои дахлдор фиристодашуда);

- ҳисобот оид ба корҳои анҷомдодашуда;

-нақшаи кори объектҳои аудит;

- маводи аудитҳои пешина дар соҳаи муайян, инчунин натиҷаи аудити аз ҷониби мақомоти дигари назоратӣ анҷомдодашуда;

- маводи дорои таҳлилу хулосаҳои аудити дохилӣ, ки аз ҷониби ташкилот омода карда шудаанд;

- шартномаҳо, қарордодҳо, созишномаҳо ва ғайра.

Ҳаҷми ҳисоботи ҷамъбастӣ набояд аз 8-10 саҳифа зиёд бошад. Лекин илова бар он, бояд дорои ҳам маълумоти барои муайян намудани

мақсад ва миқёси аудит, инчунин таҳия намудани нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои дахлдори арзёбии самаранокӣ кофӣ бошад.

Ҳангоми зарурат, дар асоси натиҷаи омӯзиши пешакии объектҳои аудит, роҳбари гурӯҳ ба роҳбарияти мақоми олии аудит дар хусуси мувофиқи мақсад будани аудит оид ба мавзӯи интихобшуда ё таклифҳо дар бораи иваз намудани мавзӯи пешниҳодгардида маърӯзаи мухтасар пешниҳод менамояд. Дар ин сурат, дар маърӯза асоснок намудани қабули ин ё он қарор бо шарҳи масъалаҳои нисбатан мубрам ва муҳим, ки бояд дар рафти аудити самаранокӣ ҳалли худро ёбанд, қайд карда мешавад.

## 3. Муайян намудани мақсад ва миқёси аудит

### Муайян намудани мақсади аудит

Барои бомуваффақият анҷом додани ҳар гуна фаъолият оид ба худи фаъолият ва мақсади он тасаввуроти амиқ доштан хеле муҳим мебошад. Муайян намудани мақсади аудит яке аз амалҳои муҳими банақшагирӣ ба ҳисоб меравад. Амали мазкур ба аудити самаранокии истифодаи маблағи давлатӣ низ дахл дорад.

Мақсади аудити самаранокӣ нисбат ба аудити молиявӣ васеътар мебошад, чунки он анҷом додани таҳлил ва арзёбии сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои молиявии давлатро дар бар мегирад.

На танҳо гузарондани аудит, балки натиҷаи он низ бештар ба дурустӣ, мушаххасӣ ва асоснокии муайян намудани мақсади аудит вобаста мебошад.

Мақсади аудити самаранокӣ бояд дорои тасвияи аниқи амалҳое бошад, ки дар ҷараёни гузарондани он иҷро мешаванд. Он бояд дар бораи амалҳои барои ба даст овардани натиҷаи мушаххас равонагардида, ки имкон медиҳанд оид ба сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии истифодабарии маблагҳои давлатӣ хулоса бароварда шавад, тасаввуроти аниқ пешниҳод намояд.

Ин чунин маъно дорад, ки барои муайян намудани мавзӯи аудит бояд мақсади он равшан ифода карда шавад. Чунки ҳолатҳои ҳама ҷанбаҳои истифодаи маблағро фаро гирифтани як аудит хеле кам ба назар мерасад, ҳангоми банақшагирӣ донистани он ки кадом ҷиҳатҳо бояд бо аудит фаро гирифта шаванд, хеле муҳим аст. Ин амал дар рафти муайян намудани доираи аудит, ҳаҷми он, меъёру усулҳои гузарондани аудит лаҳзаи ҳалкунанда ҳисобида мешавад.

Рафти аудит бояд пурра ба ҷустуҷӯи ҷавоби саволҳои дар мақсади аудити мушаххас дарҷгардида равона гардад. Аз ин рӯ, мақсади аудити

самаранокӣ бояд ниҳоят аниқу мушаххас муайян карда шавад, то ин ки дар рафти аудит ба амалҳои беҳудаю бесамари аз мақсади асосӣ ва вазифаҳои аудит дур роҳ дода нашавад.

Одатан мақсади аудит дар шакли саволҳои асоснок, ки дар рафти аудит тахмин меравад ба онҳо ҷавобҳои ба амалисозии фаъолият дахлдошта ёфта шаванд, ифода мегардад, масалан, дар бораи натиҷаи бадастомада аз ҷиҳати сарфанокӣ ва маҳсулнокӣ. Мақсади аудит ба сабабҳои гузарондани он вобаста буда, ба ваколату вазифаҳои Палатаи ҳисоб асос меёбад.

Мақсади аудит бояд аниқ муайян кунад, ки пас аз анҷоми аудит аудитор ба даст овардани чӣ гуна натиҷаро дар нақша дорад ё ба кадом хулоса меояд. Мақсад бояд ба меъёру усулҳои аудит, тарзи гузарондани аудит ва хулосае, ки аудитор мебарорад, мусоидат намояд. Масалан, агар мақсади аудит баён намудани ақида оид ба маҳсулнокӣ бошад, меъёру усулҳо, тарз ва хулоса танҳо ба маҳсулнокӣ равона карда мешаванд.

Агар вазифаи аудит муайян намудани ноилшавии воқеӣ ба натиҷаи банақшагирифташудаи истифодаи маблағ бошад, ҳисобот оид ба натиҷаи аудит бояд ба «натиҷа» нигаронида шавад. Алтернативаи он равона намудани диққат ба низоми идоракунӣ ва расмиёти вобаста ба иҷрои вазифаҳо, амалисозии барномаҳо аз ҷониби объекти аудит шуда метавонад. Мақсади ҷамъбаст намудани натиҷа назар ба низомҳо бо миқёс, меъёр, усулу хулосаҳои аудиторӣ ифода меёбад. Дар ҳар ҳолат мақсадҳои гуногуни аудит ба тарзи гузарондани аудит таъсири назаррас мерасонанд.

Барои фароҳам овардани имконияти муайян намудани доираи масъалаҳое, ки доир ба онҳо аудит гузаронда мешавад ва ҳисобот омода мегардад, аудитор бояд дар давраи аввали аудит мақсади аудитро муқаррар кунад. Мақсади аудит ва ҳаҷми он ба ҳам алоқаманд мебошанд, аз ин рӯ, тағйироти яке аз онҳо боиси тағйирот дар дигарӣ мегардад ва онҳоро якҷоя баррасӣ намудан лозим аст.

Мақсади аудит бояд бо зарурати ниҳоятдараҷа афзун намудани самараи иқтисодӣ ва таъсиррасонии аудит ифода ёбад. Ҳангоми муайян намудани мақсад гурӯҳи аудиторон таъсири умумии эҳтимолии аудитро, ки дар нақшаи аудит муайян карда шудааст, ба назар мегирад. Дар вақти гузарондани аудит бо роҳбарияти ташкилоти аудитшаванда муҳокима намудани мақсаду миқёси аудит амали муфид ба ҳисоб меравад.

Мақсади аудит бояд ба таври ҷиддӣ баррасӣ гардад ва амиқ ифода ёбад. Он бояд тарзе муайян карда шавад, ки ба гурӯҳи аудиторон дар охири аудит имконияти пешниҳод намудани хулоса оид ба ҳар як мақсад

дода шавад. Ҳама кори минбаъда оид ба аудит ба пайдо намудани ҷавоби саволҳои дар мақсади он қайдгардида равона мегардад. Бинобар ин, мақсади аудит бояд ҳаддалимкон амиқ муайян карда шавад, то ин ки зарурати иҷро намудани кори барзиёди аудиторӣ ба миён наояд.

Дар амал муайян намудани мақсад то андозае ба он вобаста мебошад, ки таҳти аудити самаранокӣ чӣ қарор мегирад. Он метавонад истифодаи воситаҳои давлатии барои амалисозии барномаи мақсадноки давлатӣ пешбинигардида ё маблағи давлатӣ барои амалигардонии фаъолият дар соҳаи буҷет, фаъолияти вазорату идораҳо ва ташкилотҳои мушаххас, яъне объекти аудит бошад.

Ҳамин тариқ, мақсади аудити самаранокии харҷи маблағи буҷетро ҳангоми амалисозии барномаи мақсадноки давлатӣ дар рафти баррасӣ намудани омилҳои зерин муайян намудан мумкин аст:

- мақсаду вазифаҳои дар худи барнома қайдгардида;

- захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ, моддӣ ва иттилоотии дар ҷараёни амалисозии он истифодагардида;

- равандҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки тавассути онҳо хароҷоти амалисозии барномаи мазкур ба натиҷаҳои он табдил меёбанд;

- оқибатҳои эҳтимолӣ ё натиҷаҳои амалисозии барномаи мазкур.

Ҳангоми муайян намудани мақсади фаъолияти соҳаи буҷетӣ, фаъолияти вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳо дар доираи муайян намудани мақсади асосӣ мақсадҳои ёрирасон низ муайян карда мешаванд. Ҳар як мақсади ёрирасони аудит ба яке аз се нишондиҳанда (сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокӣ) ё маҷмӯи ин се нишондиҳанда мутобиқи хусусияти фаъолияти объекти аудит ва ҳар кадоми онҳо (мақсадҳои ёрирасон) вобаста буда метавонад, дар натиҷаи гузарондани аудит дар бораи босамар ё бесамар будани харҷи маблағи давлатӣ хулосаи дахлдор баровarda мешавад.

Масалан, дар вақти гузарондани аудити самаранокии хариди давлатӣ барои соҳаи тандурустӣ мақсади асосӣ муайян намудани самараи истифодаи маблағи буҷет мебошад, ки барои хариди давлатии марказонидашуда дар соҳаи мазкур ҷудо шудааст.

Мақсадҳои ёрирасоне, ки дар натиҷаи гузарондани таҳлили муфассали фаъолияти соҳа оид ба масъалаи зикргардида муайян карда шудаанд, чунин буда метавонанд:

- муқаррар намудани самараи механизми идоракунӣ ва низоми назорати истифодаи маблағи буҷет, ки барои хариди давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ҷудо карда мешавад;

- арзёбии сарфанокии хариди таҷҳизоти тиббӣ бо назардошти эҳтиёҷоти муассисаҳои тобеи вазорати тандурустӣ;

- муайян намудани самараи иҷтимоӣ ва иқтисодии истифодаи таҷҳизоти тиббии аз ҳисоби маблағи давлатӣ харидашуда.

Ҳамаи хулосаҳо оид ба натиҷаи гузарондани аудит, ки ба ҳисобот ворид карда мешаванд, бояд дар шакли аз рӯи мақсадҳои дахлдори аудит тақсимшуда баровaрда шаванд.

Фарз кардем, ки мақсади аудит таъмин намудани хариди таҷҳизот ва мавод бо арзиши камтарин (сарфанокӣ) бо назардошти зарурати таъмини сифати дахлдор (мутобиқи таъинот ва шартҳои истифодабарӣ) мебошад. Дар ин сурат аудитор метавонад дилхоҳ аз хулосаҳои зеринро барорад:

a) ҳа, хариди таҷҳизот ва мавод аз рӯйи арзиши камтарин бо назардошти зарурии сифати дахлдор анҷом дода шудааст;

b) не, хариди таҷҳизот ва мавод бо арзиши камтарин аҷом дода нашудааст, ғайр аз ин сифати он ба сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ нест;

c) ҳа, хариди таҷҳизот ва мавод бо арзиши камтарин анҷом дода шудааст, лекин ҳангоми қабул намудани қарор оид ба хариди таҷҳизот ва мавод зарурати таъмини сифати дахлдор ба назар гирифа нашудааст;

d) ҳа, хариди таҷҳизот ва мавод бо арзиши камтарин бо назардошти зарурии сифати дахлдор анҷом дода шудааст, лекин дар муқоиса бо эҳтиёҷоти воқеӣ ҳаҷми барзиёди таҷҳизоту мавод харидорӣ шудааст.

Пас аз анҷом додани аудит, аудитор тибқи маълумоти бадастовардашуда хулосаи худро мебарорад. Ҳамин тариқ, дар сурати мавҷуд набудани мақсади аудитор, пешниҳод намудани хулосаи дахлдори аудиторӣ ғайриимкон мебошад.

Бинобар ин, хеле муҳим аст, ки бо мақсади дар самти дахлдор гузаронда шудани аудит ва оид ба ҳар як мақсади аудит баровaрда шудани хулосаи махсус мақсади аудит ба таври возеҳ ифода ёбад.

Мақсади аудит дар ҳар як давраи аудит, аз интихоби ҳаҷм, усул ва ҳайат то гузарондани худи аудит, инчунин муҳлати пешниҳод намудан ва хусусияти ҳисобот ба назар гирифта мешавад. Вақти барои муайян намудани мақсади аудит ҷудогардида, одатан вақти оқилона сарфшуда мебошад, чунки боиси сарфи беҳудаи захираҳо, батаъхирандозӣ ва сифати пасти ҳисобот гардидани аудити мақсадаш равшан ифодаёфта аз эҳтимол дур аст.

**Муайян намудани миқёси аудит**

Пас аз он ки мо мақсади аудитро муайян намудем, бояд оид ба миқёси тадқиқотамон барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда қарор қабул намоем.

Ҳангоми муайян намудани миқёси гузарондани аудити самаранокӣ муайян намудани рӯйхати муносиби саволҳо ва объектҳои аудит, ки бо

мақсади аудити самаранокӣ мутобиқ мебошанд, зарур аст ва он барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ нақши ҳалкунанда дошта, бо захираҳои мавҷуда метавонад пурра санҷида шавад.

Ҳангоми муайян намудани микёси аудит захираҳои барои амалисозии он ҷудошуда ва кӯшишҳои гурӯҳи аудиторонро ба миқдори нисбатан ками масъалаҳои муҳим, ки бояд мутобиқи мақсади асосии аудити самаранокӣ гузошта шаванд, равона сохтан лозим аст.

Ғайр аз он, ҳангоми муайян намудани масъалаҳои аудит муҳим будани онҳоро барои таъмини самаранокии истифодаи маблағи давлатӣ аз ҷониби объектҳои аудит ба роҳбарӣ гирифтан лозим аст, чунин масъалаҳо барои ба даст овардани натиҷаҳои банақшагирифташуда аҳамияти калон доранд ва вобаста ба захираҳое, ки барои гузарондани аудити мазкур мавҷуданд, метавонанд мавриди аудит қарор гиранд.

Масалан, агар яке аз мақсадҳои аудити самаранокӣ аудити ташкил намудани фаъолияти объекти аудитшаванда оид ба вазифаи барои он муқарраргардида бошад, аз ҷумла масъаҳои зерин метавонанд гузошта шаванд:

1) Оё ташкилоте вуҷуд дорад, ки мақсади фаъолияти он равшану возеҳ гузошта шуда бошад ва нақшаҳо ё чорабиниҳои ташкилии татбиқи он таҳия шуда бошанд?

2) Оё дар ташкилот нишондиҳандаҳои сифатию миқдории андозашаванда, ки барои арзёбии натиҷаи фаъолияти ташкилот оид ба ноил гардидан ба мақсади гузошташуда имкон медиҳанд, вуҷуд доранд?

3) Оё роҳбарияти ташкилот нишондиҳандаҳоеро, ки иҷро намудани нақшаро дар мӯҳлати муқарраргардида таъмин менамоянд, муайян намудааст?

4) Оё роҳбарияти ташкилот роҳҳои алтернативии ноилшавӣ ба мақсади гузошташударо баррасӣ намудааст?

5) Кормандони ташкилот то кадом андоза равшан мақсаду афзалиятҳои фаъолияти ташкилотро тасаввур мекунанд ва вазифаҳои худро дарк менамоянд, оё дар ташкилот низоми ҳавасмандгардонии кормандон аз рӯи босифат иҷро намудани уҳдадориҳо вуҷуд дорад?

6) Оё дар ташкилот назорати доимии натиҷаҳои фаъолият вуҷуд дорад ва натиҷаи кори ташкилот истеъмолкунандагони маҳсулоти (истифодабарандагони хизматрасонии) онро қонеъ мегардонад?

Барои он ки муҳим будани ин ё он ҷанбаи фаъолияти объектҳои аудит ва зарурати ба онҳо равона намудани кӯшишҳо дар доираи аудити мазкур арзёбӣ карда шавад, аудиторон бояд ба саволҳои зерин ҷавоб гиранд:

- сатҳи таъсири ташкилоти мазкур ба натиҷаи соҳаи аудитшавандаи истифодаи маблағи давлатӣ чӣ гуна аст?

- оё дар фаъолияти ташкилоти мазкур хавфҳои беруна ва ё дарунӣ дида мешаванд ва он хавфҳо то кадом андоза ба натиҷа таъсир расонда метавонанд?

- ташкилот маблағи давлатиро то кадом андоза истифода мебарад?

- оё натиҷаи аудит ба афзун гардидани самараи фаъолияти ташкилоти мазкур ва истифодаи маблағи давлатӣ аз ҷониби он мусоидат менамояд?

Ҳангоми муайян намудани миқёси аудит мавқеи ҷуғрофӣ ва парокандагии объектҳои аудитро, ки метавонанд дар кори аудиторон бо роҳи ба ҳар тараф тақсим шудани қувваи онҳо, хусусан дар сурати хурд будани ҳайати гурӯҳҳо мушкилиҳои муайян эҷод намоянд, инчунин боиси ба миён омадани хароҷоти беҳудаи сафари хизматӣ ба ташкилотҳои аудитшаванда гарданд, ба назар гирифтан лозим аст.

Дар сурати муайян намудани миқёс, меъёрҳо ва усулҳои аудит аудитор саволҳои асосии аудитро, ки дар давраи интихоб намудани мавзӯъ ва объекти аудит ташаккул дода шудаанд, месанҷад. Барои санҷидани саволи асосӣ (мақсади асосӣ) усулҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст. Яке аз чунин усулҳо, ки онро аксарияти мақоми олии аудит истифода мебаранд, усули «вазъият/мушкилот» мебошад. Ҳангои истифодаи ин усул масъалаи аудит мантиқан аз вазъият ва мушкилиҳои он бармеояд ва он тарзе шарҳ дода шудааст, ки танҳо аз маълумот иборат мебошад.

| **Мисоли 1: Аудити низоми нави компютерӣ** | |
|---|---|
| **Вазъият** | Вазорати А қарор дод, ки бо мақсади афзун намудани маҳсулнокӣ низоми нави компютериро ҷорӣ намояд. Вазорат тахмин карда буд, ки низоми мазкур 6 миллион евро арзиш дошта, моҳи ноябри соли 2018 ба истифода дода мешавад ва бо маҳсулнокии баланди худ ҳар сол имкон медиҳад, ки ½ миллион евро сарфа кардашавад, сар карда аз соли 2020. |
| **Мушкилӣ** | Арзиши низоми компютерӣ аз арзиши тахминӣ 2 миллион евро қиматтар мебошад ва он бо таъхири панҷмоҳа ба истифода дода шуд, бинобар ин, вазорат ба афзун намудани маҳсулнокии тахминнамудааш ноил нагардид. |
| **Савол** | Оё лоиҳа ба таври дахдор баррасӣ шуда буд ва идоракунии он дуруст ба роҳ монда шуда буд? |

| Мисоли 2: Аудити маҳсулнокии идора | |
|---|---|
| **Вазъият** | Агентии пардохтҳо оид ба таъминоти иҷтимоӣ кӯшиш мекунад кумакпулии вобаста ба бекориро дар ҳаҷми дуруст ва сари вақт танҳо ба он нафароне пардозад, ки ба он ҳуқуқ доранд ва ба харҷи мақсадноки маблағ ноил гардад. Соли 2018 Агентӣ ба 300000 нафар шахсони бекор кумакпулӣ пардохт намуд ва маблағи барзиёд пардохтшуда 4 фоизро ташкил дод, хароҷоти фаъолияти Агентӣ бошад, 125 миллион евроро дар бар гирифт. |
| **Мушкилй** | То соли 2020 коэффисиенти хато бетағйир монд, лекин хароҷоти фаъолияти Агентӣ ба андозаи 15 фоиз зиёд шуданд, новобаста ба он ки сатҳи бекорӣ то 33 фоиз коҳиш ёфт. |
| **Савол** | Оё фаъолияти Агентӣ сермаҳсул аст? |

Саволи (мақсади) асосии аудит ба зерсаволҳо тақсим карда мешавад, ки дар навбати худ онҳо низ ба саволҳои дигар ҷудо мегарданд. Дар ҳар давраи минбаъда саволҳо нисбатан мушаххас карда мешаванд. Ҷараёни мазкур вақте ба охир мерасад, ки агар саволҳо барои пешниҳод намудани фарзия ба таври кофӣ мушаххас бошанд (яъне ҷавоби «ҳа» ё «не») ва далелҳоеро муайян кунанд, ки чунин фарзияро тасдиқ ё инкор менамоянд. Саволҳои аудит ҳамеша чунин мебошанд, ки ҷавобҳои эҳтимолӣ ба онҳо «ҳа», «не», «ҳа, лекин» ё «не, лекин.» буда метавонанд.

Пайдарпайии аниқ ва мантиқии саволҳоро бо роҳи ихтисор намудани саволҳои муҳимнабуда таъмин кардан лозим аст. Ҳангоми иҷрои ин амал боварӣ ҳосил мекунем, ки зерсаволҳо мантиқан такрор нашуда бошанд.

Инчунин ҷойгиршавӣ ва пайдарпайии мантиқии зерсаволҳоро таъмин намудан лозим аст. Қоидаи мазкурро аз рӯйи хронология иҷро намудан мумкин аст (Оё харид хуб ба нақша гирифта шуда буд? Харид дуруст иҷро шудааст? Оё талаботи қарордод иҷро шуданд?). Инчунин принсипи мазкур сохторӣ низ буда метавонад (Оё фаъолияти шуъбаи «А» пурмаҳсул аст? Фаъолияти шуъбаи «Б» чи? ва ғайра). Он метавонад ба мақсад вобаста бошад (Оё ба шахсоне, ки ба гирифтани кумакпулӣ ҳуқуқ доранд, он пардохта мешавад? Оё чунин шахсон дар ҳаҷми даркорӣ кумакпулӣ мегиранд? Кумакпулӣ сари вақт пардохта мешавад?). Мо бояд кӯшиш кунем, ки шумораи саволҳои дар рафти аудит баррасишаванда аз чор-панҷто зиёд набошанд, шумораи зерсаволҳо низ ба ҳар як савол зиёд набошад (одатан аз шаш-ҳафт савол зиёд набошад). Агар чунин шавад, ки барои ошкор намудани саволи асосӣ ба беш аз

ҳафт савол ҷавоб додан лозим бошад, саволи мазкур ва зерсаволҳои онро бори дигар дида баромадан лозим аст. Дар ин сурат мо ҳамеша танҳо зиёда аз як зерсавол хоҳем дошт.

**Нақшаи саволгузории мантиқӣ**

Масалан, саволи асосии аудит оид ба хариди низоми нави компютерӣ чунин буда метавонад: «Оё хароҷоти маблағ аз рӯйи қарордод оид ба таҳвили низоми нави компютерӣ самаранок аст?» Дар ин сурат зерсаволҳо ва зерсаволҳои онҳоро муайян намудан лозим аст, ки дар рафти аудит баррасӣ мешаванд

**Оё харҷи маблағ аз рӯи қарордод оид ба таҳвили низоми нави компютерӣ босамар аст**

Оё ташкилот идоракунии харидро хуб ба роҳ монда буд?

Барои таъмин намудани риояи муҳлати дар қарордод нишондодашуда аз ҷониби молрасон, ташкилот чораҳои кофӣ андешидааст?

Оё низоми компютерӣ эҳтиёҷоти истифодабарандагонро бо арзиши оқилона қонеъ гардонда метавонад?

Ҳангоми харид низоми сарфанокӣ риоя шудааст?

Талабот нисбат ба хизматрасонии низом аз оғоз ба таври возеҳ қайду шарт шудаанд?

Оё шартҳои қарордод ба талабот нисбат ба хизматрасонии низом мутобиқ мебошанд?

Ҳангоми баимзорасонии қарордод рақобати воқеӣ мавҷуд буд?

Дар рафти ҷараёни баимзорасонии қарордод рақобат нигоҳ дошта мешуд?

Оё барои таҳвили низоми компютерӣ шумораи кофии пешниҳодҳо ворид гардиданд?

Барои баимзорасонии қарордод шумораи кофии ширкатҳо мароқ зоҳир намуданд

Оё барои таҳвили низоми компютерӣ шумораи кофии пешниҳодҳо ворид гардиданд?

Оё шаклҳои дигари харид баррасӣ карда шуданд (масалан, муроҷиат намудан ба ширкате, ки коркарди маълумотро дар компютерҳои худаш анҷом медиҳад).

**Саволҳо барои мисол ҳангоми аудити самаранокии истифодабарии воситаҳо аз рӯи қарордоди мушаххас.**

Миқёси аудит бояд он чизеро аниқ намояд, ки аз ҷониби аудиторон ба даст оварда мешаванд, инчунин дар охири аудит чӣ гуна хулосаҳоро онҳо мебароранд. Бинобар он, муқаррар намудани миқёси аудит бояд ба мо дар муайян намудани меъёрҳо, муносибат, расмиёт ва хулосаҳои

аудит кумак расонад. Масалан, агар мақсади аудит танҳо изҳори ақида оид ба маҳсулнокии фаъолият бошад, он гоҳ меъёрҳо, муносибат, расмиёт ва хулосаҳои аудит танҳо ба масъалаҳои маҳсулнокӣ вобаста мешаванд.

Ҳангоми муайян намудани миқёси корҳо аудитор бояд тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти ӯ муносибат намуда, хусусиятҳои аудитро бо назардошти маълумоти ба дастомада оид ба мавзӯъ аз рӯи натиҷаҳои омӯзиши пешакӣ ба роҳбарӣ гирад.

Азбаски усулҳои тадқиқот ҳангоми муайян намудани миқёси аудит ба усулҳои дар вақти омӯзиши пешакӣ истифодашаванда монанд мебошанд, ин ду давраро аксар вақт фарқ кардан хеле мушкил аст.

Дар давраи омӯзиш роҳбар ва гурӯҳи аудиторон натиҷаҳои омӯзиши пешакиро баррасӣ менамоянд ва маълумотро аз нуқтаи назари мақсадҳои аудит арзёбӣ мекунанд: саволҳои аҳамияти эҳтимолидошта, имкониятҳои муайянкунии меъёрҳо ва тартиб додани ҳисобот, таъсири имконпазир ба идоракунии объекти аудит.

Барои гурӯҳҳои аудиторон таҷрибаи мақбули омӯзиши якҷояи маълумот бо мақсади муайян намудани аҳамият ва имкониятҳои гузарондани аудит аз рӯи самтҳои дар вақти омӯзиши пешакии объектҳои аудит муайянгардида ба ҳисоб меравад. Илова бар он, агар объектро аз рӯйи аудитҳои пешина шинохтан мумкин бошад, омӯзиши пешакиро гузарондан шарт нест (одатан дар ҳолате, ки ташкилот мавзӯи назорати доимӣ қарор мегирад). Дар ҳолатҳои боқимонда самтҳои тадқиқот метавонанд тарзе интихоб шаванд, ки фарогирии комилан мувофиқи фаъолияти асосӣ ва уҳдадориҳои объектҳои аудитро бо аудит таъмин намоянд. Тавассути интихоби самтҳои тадқиқот комилан мувофиқ фаро гирифтан ҷанбаи ниҳоят муҳими нақши аудитор дар пешгирии истифодаи нодурусти маблағи давлатӣ мебошад.

Миқёси аудит бо назардошти ду меъёри асосӣ муайян шуда метавонад:

***1. Аҳамиятнок ва мақсаднок будани гузарондани аудит*** **(**равона намудани диққат ба мушкилоти дорои аҳамияти калон, ки ҳалли онҳо ба афзун намудани самараи кори объектҳои аудитшаванда, Ҳукумат ва Парламент мусоидат менамояд**).**

***2. Имконияти гузарондани аудит*** **(**ба малакаи аудитор дар амалисозии аудит мутобиқи қонунгузорӣ ва стандарти касбӣ вобаста аст**).**

Номгӯи саволҳои эҳтимолӣ барои муайян намудани аҳамият ва имкониятҳои гузарондани аудит дар ҷадваи 3.1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3.1. Саволҳо барои муайян намудани аҳамият ва имкониятҳои гузарондани аудит

| Нишондиҳандаҳо | Саволҳои имконпазир |
| --- | --- |
| ***Аҳамиятнок ва мақсаднок будани гузарондани аудит*** | |
| Муҳим будан | • Тақсимоти захираҳои молиявии объекти аудит чӣ гуна сурат мегирад?<br>• Тақсимоти захираҳои инсонӣ вобаста ба ҳар барнома ё таъиноти вазифавӣ чӣ гуна аст?<br>• Мақсади объекти аудит чӣ гуна аст?<br>• Сохтори барнома ва хароҷот ба мақсад чӣ тавр вобаста мебошанд?<br>• Оё манбаи захираҳои объекти аудит тағйир ёфтааст?<br>• Дар давраи охирин аудит чиро санҷид? Оё сохтори объект тағйир ёфтааст?<br>• Барои кадом барномаҳо ва намудҳои фаъолият бештар пул харҷ мешавад?<br>• Кадом барномаҳо нисбатан шавқовар мешаванд (вобаста ба арзиши баланд ё таъсири онҳо)?<br>• Оё барномаҳо дорои чунин тавсифномаҳое мебошанд, ки барои муттаҳид намудани онҳо ба гурӯҳҳо бо мақсади гузарондани аудит имкон медиҳанд?<br>• Оё аз рӯи натиҷаи аудит хулосаю тавсияҳоеро омода намудан мумкин аст, ки фаъолияти объекти аудитро беҳтар карда метавонанд?<br>• Кадом ҷанбаи саволҳои мавриди омӯзиш қароргирифта бештар ба мулоҳизаи шахсоне, ки ҳисоботро мехонанд, таъсир мерасонанд (боби давлат, Ҳукумат, Парламент, мақомоти идоракунӣ, воситаҳои ахбор ё андозсупорандагон)?<br>• Таъсири имконпазири ҳисобот чӣ гуна хоҳад буд?<br>• Оё аудит ба манфиатҳои давлат ва ҷамъият равона шудааст? |

| | |
|---|---|
| | • Оё самтҳои асосии аудит тибқи сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ё натиҷанокӣ таснифот мешаванд?<br>• Мавзӯи аудит дар байни маъмурон ва аудиторони дигар берун аз доираи барнома шавқовар буда метавонад?<br>• Чаро маҳз чунин самтҳои тадқиқотро мавриди аудит қарор додан муҳим аст? |
| Хавф | • Кадом навъи хавф ба барнома ё фаъолият муносибат дорад?<br>• Оё хавф бо пули ба амалисозии номатлуби фаъолият вобаста ифода ёфта метавонад?<br>• Агар барнома ё фаъолият мутобиқи стандарти маъмулӣ амалӣ карда нашавад, он гоҳ чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?<br>• Аз ҷониби объекти аудит ба таври номатлуб иҷро намудани вазифаҳои худ ба амнияти ҷамъият таъсир расонда метавонад?<br>• Оё хавф мутобиқи шартҳои сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ё натиҷанокӣ тасниф карда мешавад?<br>• Оё дар бораи таъсири хавф бидуни дучори хатар намудани амнияти миллӣ иттилоъ додан мумкин аст?<br>• Аломати натиҷаи мушкилоти пешина будани хавф вуҷуд дорад? Натиҷа чӣ гуна буд?<br>• Оё фаъолияти объекти аудит ба таври назаррас ба ташкили хуби низоми идоракунӣ (амалисозии лоиҳа) вобаста аст ё дар ин ҳолат ақидаи инсонӣ таъсир мерасонад?<br>• Хавф доимӣ мебошад ё давраи хатарноки хавфи бештарин вуҷуд дорад? |
| **Таъсирпазирӣ** | • Саволҳои дар рафти аудит барои омӯхтан пешниҳодгардида бо Роҳбари давлат, Ҳукумат, Парламент ё дар воситаҳои ахбори омма муҳокима шудаанд?<br>• Оё мулоҳизаҳое вуҷуд доранд, ки ба шарҳу арзёбии маълумоти дар натиҷаи аудит бадастомада таъсир расонда тавонанд?<br>• Оё дар хусуси тафсири сабабҳои асосии |

| | |
|---|---|
| | мушкилот оид ба масъалаҳои аудитшаванда ақидаҳои ғалати возеҳ шарҳдодашуда ё возеҳ шарҳдоданашуда вуҷуд доранд?<br>• Барои фаъолияти таҳти аудит қароргиранда кӣ масъул аст?<br>• Имконияти тафсир ёфтани ҳисоботи аудиторӣ ҳамчун ҳисоботе, ки аз соҳаи фаъолияти муқаррарии аудитор берун мебарояд, вуҷуд дорад?<br>• Ҳисоботи аудиторӣ ҳисоботи хоси танҳо барои истифодаи гурӯҳи муайяни ба ҳалли мушкилот манфиатдор таъиншуда аст?<br>• Агар ҳисобот баъди 1-2 сол нашр гардад, саволҳои аудитшаванда манфиатнок боқӣ мемонанд?<br>• Агар аудит ба муддати нисбатан дер пас гузошта шавад, беҳтар нахоҳад буд?<br>• Масъалаи аудитшаванда ҳангоми аудитҳои пешина фаро гирифта шуда буд? Натиҷаҳои чунин аудитҳо чӣ гуна буданд? |
| ***Имкониятҳои гузарондани аудит*** | |
| **Қонунгузорӣ** | • Миқёси аудит бо қонун (ваколатҳои Палатаи ҳисоб) мувофиқа карда мешавад?<br>• Оё соҳаи фаъолияти аудит ба ҷараёни ташаккулдиҳии сиёсати давлатӣ вобаста аст?<br>• Миқёси аудит (саволҳо, объектҳо) аз ҷониби роҳбарияти Палатаи ҳисоб дастгирӣ меёбанд?<br>• Миқёси аудит эҳтимолияти тартиб додани хулосаҳои мусбат ва манфиро дар бар мегирад?<br>• Оё соҳаи фаъолияти аудит ҷузъҳои барномаеро, ки ҳамчун меъёрҳои «самаранок ва оқилона» - и ноилшавӣ ба самаранокӣ арзёбӣ мегарданд, дар бар мегирад?<br>• Соҳаи фаъолияти аудит ба афзалиятҳои мақоми олии аудит мутобиқ аст? |
| **Воқеият** | • Тахассусияти гурӯҳи аудиторон барои гузарондани аудити барнома ва намудҳои дигари фаъолият кофӣ аст? |

| | |
|---|---|
| | • Оё дар бораи гузарондани аудит (ба ёрии аудиторон) тавсияҳо ё ягон намуди дигари усулҳо мавҷуданд?<br>• Оё пештар амалисозии барномаи ё соҳаи фаъолияти мазкур таҳти аудит қарор дода шудааст? Агар таҳти аудит қарор дода нашуда бошад, барои чӣ?<br>• Барои гузарондани аудит вақт кифоя аст?<br>• Тахассусияти гурӯҳи аудиторон ба талаботи таҳти аудит қарор дода мутобиқ аст?<br>• Оё барнома ё фаъолият дар истифода барои таъмин намудани асоси аудит ниҳоят абстрактӣ аст?<br>• Муқаррар намудани меъёрҳои аудит мутобиқи хости роҳбарияти барнома имконпазир аст?<br>• Барои кумак расондан ба аудиторон мушовирон ҷалб карда мешаванд?<br>• Истифода намудани иқтибосҳои оморӣ имконпазир аст? |
| **Захираҳо** | • Барои гузарондани аудит дар доираи муҳлати муқарраргардида захираҳои инсонӣ кофӣ ҳастанд?<br>• Барои омӯзиши иловагии аудиторон зарурат ҳаст?<br>• Иҷрокунандагони иловагие, ки мутахассисони соҳаи фаъолияти таҳти аудит қароргирифта мебошанд, лозиманд?<br>• Вобаста ба ҷалб намудани иҷрокунандагони иловагии барои гузарондани аудит зарур бархӯрди манфиатҳо мушоҳида мешаванд?<br>• Вақти ба гузарондани аудит ҷудошуда барои ташаккул додани гурӯҳи аудиторони дорои малакаҳои дахлдор дар соҳаҳои (фанҳои) ба ҳам наздик кофӣ аст?<br>• Аудитро ба муҳлати дертар бозпас мондан мумкин аст?<br>• Барои амалисозии аудит захираҳои |

| | |
|---|---|
| | иловагӣ лозиманд? |
| **Буҷет** | • Арзиши эҳтимолии амалисозии аудит чӣ қадар аст?<br>• Ҳаҷми хароҷоти сафари хизматӣ чӣ гуна аст?<br>• Арзиши хароҷоти аудит бо натиҷаҳои чашмдошт ҷуброн гардид?<br>• Таассури имконпазири роҳбарият нисбат ба имкониятҳои тағйирёбии миқёси аудит чӣ гуна хоҳад буд?<br>• Миқёси аудит ба маблағи ҷудошудаи буҷет мутобиқ аст? |

Маълум аст, ки арзёбии аҳамияти аудит вазифаи нисбатан мушкил ва муҳими тадқиқот мебошад. Дар ҷараёни арзёбӣ дар дохили гурӯҳи аудиторон масъалаҳо, аз ҷумла таҷрибаи пешинаи аудиторон муҳокима карда мешаванд.

Ҳангоми муайян намудани соҳаҳои аҳамиятноки (муҳими) аудит бояд соҳаҳои имконпазири муҳим, ки шояд аудит шаванд, мувофиқи мақсад будани гузарондани аудит, ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии аудит ба назар гирифта шаванд. Масъалаҳои мазкур бояд ҳангоми банақшагирии давраи гузарондани аудит бевосита дар объекти аудит ниҳоят хуб ба назар гирифта шаванд. Қайд кардан лозим аст, ки арзёбии масъалаҳои дорои аҳамияти муҳим одатан ҷараёни «банд кардани (фишурдани)» маълумоти дар рафти омӯзиши пешакӣ бадастомада мебошад.

<u>**Арзёбии имконияти гузарондани аудит**</u> дар давраи банақшагирӣ ва аз нав арзёбии доимии он дар рафти аудит ва пешниҳод намудани ҳисобот ҳангоми муайян намудани миқёси аудит хеле муҳим мебошад. Арзёбии шаффофу асосноки мақсаднок будани аудит ба касбияти хулосаҳои аудитор таҳким мебахшад. Чунин хулосаҳо асосан ба баррасии манбаи моддии мавҷуда асос меёбанд.

**Манбаи моддӣ** аз арзёбии миқдорӣ ва сифатии захираҳои молиявӣ, инсонӣ ва ҷисмонии барномаҳо ё иҷро намудани вазифаҳое, ки ба гирифтани даромад ва хароҷот аз ҷониби объекти аудитшаванда вобаста мебошанд, иборат аст. Дар ин сурат, қайд кардан лозим аст, ки усули ба расмият даровардашуда ҳаҷми камтарини манбаи моддӣ, талаботи камтарин нисбат ба манбаи моддиро бо мақсади ворид намудани барнома ё вазифаҳои аз ҷониби объекти аудит иҷрошаванда ба миқёси (ҳаҷми) аудити самаранокӣ муайян мекунад. Чунин қарор масъалаи мулоҳизаи касбии аудитор хисоб меёбад, лекин муносибати умумӣ чунин

аст: барои он ки назаррас бошанд, захираҳои аз ҷониби объекти аудит барои иҷрои ин ё он вазифа ё барнома истифодашаванда бояд қисми асосии манбаи умумии захираҳоро ташкил диҳанд.

Тахмини ҳадди миқдории аҳамият барои истифода шудан ҳам дар аудити самаранокӣ ва ҳам ҳангоми аудити молиявӣ мураккаб аст. Ҳангоми гузарондани аудити самаранокӣ сатҳи аҳамият ба хусусиятҳои ҳалли масъалаи таъсири эҳтимолии ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ вобаста аст, ки он ба қарори истифодабарандагони ҳисобот таъсир расонда метавонад. Таъсири мутақобилаи омилҳои мазкур ҳангоми муайян намудани миқёси аудит нақши ҳалкунанда дорад.

Масалан, воқеият метавонад аз ҷиҳати таъсири иҷтимоӣ, иқтисодӣ ё экологӣ, норасоии стандарти ҳамлу нақл ё арзишҳои дигари иҷтимоӣ арзёбӣ карда шавад, ба мисоли бадшавии вазъи саломатии аҳолӣ, коҳиш ёфтани сатҳи ҷинояткорӣ.

Инчунин, ҳангоми муайян намудани миқёси аудит хавфҳои имконпазирро, ки бо самту объектҳои аудити самаранокӣ вобаста буда метавонанд, ба назар гирифтан лозим аст.

***Хавф*** – эҳтимолияти ба миён омадани вазъиятҳои номатлуб ва оқибатҳои онҳо мебошад.

Чун қоида, аудиторон дар ҷараёни гузарондани аудити самаранокӣ бо истифодаи омилҳои гуногун, аз ҷумла ҷанбаҳои зерин хавфро арзёбӣ менамоянд:

**<u>Диверсификатсия, пойдорӣ, возеҳии мақсаду вазифаҳои объекти аудит.</u>** Агар вазифаҳои объекти аудит равшан набошанд, хавфи дарк накардани кормандон ба миён меояд ва натиҷанокии фаъолият ба даст оварда намешавад.

**<u>Маҷмӯӣ будани амалҳо.</u>** Дар баробари мураккаб шудани фаъолияти объекти аудит ба даст овардани самараи фаъолият низ мушкил мегардад.

**<u>Маҷмӯият ва сифати низоми идоракунӣ ва назорат.</u>** Низоми маҷмӯию мураккаби идоракунӣ ва назоратро ташкил намудан, тавсеа додан ва дастгирӣ намудан мушкилтар аст ва он боиси коҳиш ёфтани самараи назорат шуда метавонад. Истифодабарандагони маълумоти ҳисобот дар сурати қабул намудани қарорҳои вобаста ба идоракунӣ дар асоси маълумоти норавшан, нодуруст ва нопурра қарорҳоеро қабул менамоянд, ки ба кам шудани самараи кори ташкилот оварда мерасонад.

**<u>Моҳияту сатҳи тағйироти беруна ва дохилӣ.</u>** Миқдор ва самтҳои тағйирот ба фаъолияти объекти аудит, низоми назорати дохилӣ, аз ҷониби онҳо дарк намудани мақсаду вазифаҳо ба сиёсат таъсир расонда метавонанд, ки оқибат ба натиҷабахшии фаъолият таъсири манфӣ мерасонад.

**<u>Хусусиятҳои (намудҳои) амалиёт</u>**. Ҳаҷми зиёди маблағи пулӣ, инчунин мураккаб будани аҳдҳо, усулҳои амалисозии барномаю вазифаҳо аз ҷониби объекти аудит хатари ноил нагардидан ба таъсирнокии фаъолиятро меафзояд.

Қайд кардан лозим аст, ки ***аудиторон бояд хавфи бо фаъолияти объекти аудитшаванда новобастаро низ ба назар гиранд. Лекин метавонанд ба ҷараёни гузарондани аудит таъсир расонанд.***

**Огаҳӣ** ба уҳдадории аудитор доир ба бохабар будан аз вазъияти сиёсӣ дохил мешавад, то ин ки таъсири имконпазир ва манфиати натиҷаи аудитро арзёбӣ карда тавонад. Ин амал аз аудитор донистани муҳокимаҳои оммавии ҷориро дар соҳаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат талаб менамояд. Инчунин он аз аудитор арзёбӣ намудани эҳтимолияти андешидани чораҳои бартарафсозандаро дар соҳаи таҳти омӯзиш қароргирифта талаб менамояд.

Огаҳӣ аз аудитор талаб менамояд, то ӯ оид ба омилҳои дар ҳисобот ҷойдошта, ки ба тафсири (шарҳи) хулосаю тавсияҳои истифодабаранда таъсир расонда метавонанд, ба таври васеъ хабардор бошад.

Огаҳӣ яке аз омилҳои муҳимест, ки ҳаҷми аудитро муайян мекунад, чунки оид ба хориҷ намудани самтҳои муайяни фаъолияти ҳукумат ва объектҳои аудит аз ҳаҷми аудит, ба муҳлати дертар бозпас мондани муҳлати аудит, инчунин қарор оид ба равонасозии диққат ба ҷанбаҳои нисбатан муҳими масъалаи мавриди омӯзиш қароргирифта қарор қабул шуданаш мумкин аст.

Меъёри асосии дуюми муайян намудани ҳаҷми корҳо ҳангоми аудити самаранокӣ арзёбии эҳтимолияти гузарондани аудит мебошад.

Мутобиқи қонунгузорӣ Палатаи ҳисоб бояд барои ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ҳангоми анҷом додани аудитҳо имконияту ваколатҳои кофӣ дошта бошад. Дар ин сурат ваколатҳо бояд дар санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ инъикос карда шаванд ва иҷрои онҳо барои ҳама ҳатмӣ мебошад.

Ҳангоми муайян намудани миқёси аудит инчунин баррасии мавҷудияти шароит барои гузарондани он, яъне имконияти малакаҳои гурӯҳи аудиторон барои гузарондани аудити мазкур мутобиқи усули тасдиқшудаи гузарондани аудити самаранокӣ муҳим мебошад. Чунин ҳолатҳое ба миён омада метавонанд, ки роҳбари аудит дар бораи дохил накардани ин ё он масъалаи аудит ба барномаи амалисозӣ ҳатто дар сурати муҳим будани он дар асоси натиҷаҳои омӯзиши пешакӣ қарор қабул менамояд. Қарори мазкур метавонад дар сурате қабул карда шавад, агар:

- хусусияти соҳаи зикргардидаи фаъолияти ташкилоти аудитшаванда чунин аст, ки аудити он имконнопазир бошад ё мақсаднок набошад;

- аъзои гурӯҳи аудиторон барои гузарондани аудит таҷрибаи махсус надошта бошанд ва ҷалб намудани коршиносони беруна мушкил бошад;

- дар соҳаи зикргардидаи фаъолият тағйироту ислоҳоти куллӣ амалӣ шуда бошанд;

- меъёрҳои муносиби арзёбии натиҷанокии ин намуди фаъолияти объекти аудит мавҷуд набошанд.

Роҳбари аудит бояд ба роҳбари Палатаи ҳисоб ё шахси барои гузарондани аудит мазкур маъсул барои қабул шудани қарори ниҳоӣ аз ҷониби онҳо дар ин бора гузориш диҳад.

Натиҷаи кор оид ба муайян намудани миқёси аудит дар барнома муайян намудани номгӯи саволҳо ва объектҳои аудити мушаххас мебошад. Дар ин сурат чунин қоидаро ба роҳбарӣ гирифтан лозим аст, ки барои аудити саволҳои (одатан на бештар аз панҷ савол) инъикоскунандаи мақсади гузошташудаи аудит ва дорои аҳамияти муҳим барои амалисозии фаъолияти аудитшаванда интихоб карда мешаванд. Ба сифати объектҳои аудит чунин ташкилотҳоро интихоб намудан лозим аст, ки дар фаъолияти онҳо сатҳи нисбатан баланди хавф вуҷуд дорад ва аз рӯи натиҷаи аудити он имконияти таъсиррасонии назаррас ба афзун намудани самараи истифодаи маблағи давлатӣ ҳаст.

**ХУЛОСА**

Дар Дастурамали мазкур дида баромада мешавад, ки марҳилаи омӯзиши пешакии объектҳои аудит то кадом андоза муҳим аст, давраҳои асосии раванди омӯзиши пешакии объектҳои аудит, сарчашмаҳои ба даст овардани маълумоти зарурӣ ва усулҳои ҷамъ овардану таҳлил намудани он, инчунин муносибати ҳангоми муайян намудани мақсаду миқёси аудит истифодашавандаро баррасӣ намудем.

Ба пурра будани маълумоти пешакии ҷамъовардашуда дар бораи объекти аудит бештар сифат, воқеӣ ва асоснок будани таҳлили маълумоти ба дастовардашуда ва тартиб додани арзнома (ҳисобот) оид ба натиҷаҳои омӯзиши пешакии объектҳои аудит вобаста мебошанд, бинобар он, муайян намудани номгӯи мукаммали сарчашмаҳои имконпазири ба даст овардани маълумот дар бораи фаъолияти объектҳои аудит мавриди омӯзиш қароргирифта хеле муҳим аст.

Дарк намудани объектҳои аудит калиди ҳама масъалаҳои аудит ба ҳисоб меравад, ки ба аудиторон ҳангоми мулоҳизаронӣ дар бораи мақсад, миқёс, расмиёти аудит, меъёрҳо, хулосаю масъалахое, ки дар

рафти аудит бояд баррасӣ карда шаванд, кумак мерасонад. Муқаррар намудани мақсаду миқёси аудит ҷузъи муҳими таркибии аудити самаранокӣ мебошад. Мақсад ва миқёс ба ҳама давраҳои боқимондаи аудит таъсири зиёд расонда, фаъолияти аудиторро ҳангоми қабул намудани қарорҳои муҳим ба самти лозимӣ равона месозад.